# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# № 5

**аз 29 сентябри соли 2014** **шаҳри Душанбе**

**Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №37 ворид гардидаанд)***

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ташкили ҳокимияти давлатиро муайян мекунад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Дар мавриди ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат доштани қонунҳо вадигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё қисмҳои таркибии онҳо меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

Бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

## ҚАРОР КАРД:

1. Мутобиқи моддаҳои 5 ва 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои **ӯ** арзиши олӣ мебошанд.

Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат,мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат аз ҷониби ҳокимияти судӣ амалӣ мегардад. Барои иҷрои ин мақсадҳо вазифаи суд таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ мебошад.

Вобаста ба ин, суд**,** судяҳоро зарур аст, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки арзиши олӣ эътироф гардидааст, дар ҳамаи марҳилаҳои судӣ таъмин намоянд.

2. Тибқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Бо дарназардошти ин меъёрҳои конститутсионӣ суд, судяҳоро зарур аст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо ба мувофиқат доштани қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқшуда ё татбиқшаванда оид ба парвандаи баррасишаванда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Дар ҳолати мувофиқат надоштани қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқии татбиқшуда ё татбиқшаванда оид ба парвандаи баррасишаванда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд, судяҳо ҳуқуқ доранд ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси мувофиқат доштан ё надоштани онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

Ҳангоми муроҷиат ба Суди конститутсионӣ дар хусуси ба КонститутсияиҶумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштан ё надоштани қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқшуда ва ё татбиқшаванда оид ба парвандаи баррасишаванда, пешбурди парванда боздошта мешавад. Дар ин маврид, агар оид ба парвандаи ҷиноятӣ судшаванда дар ҳабси пешакӣ қарор дошта бошад, суд, судяҳо масъалаи татбиқи чораи пешгириро нисбат ба ӯ бояд ҳал намоянд.

Дар сурати аз ҷониби Суди конститутсионӣ эътироф намудани мувофиқат надоштани қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқшудаба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ҳолат барои аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда асос мегардад.

3. Меъёрҳои Конститутсия бевосита дар ҳолате татбиқ карда мешаванд, ки агар

- муқаррароти бо меъёрҳои Конститутсия пешбинигардида, ки тибқи мазмуни худ батанзимдарории иловагиро талаб намекунад ва тавзеҳотро дар бораи имконпазирии татбиқи он бо шарти қабули қонуне, ки ҳуқуқ, озодӣ, ӯҳдадории инсону шаҳрванд ва муқаррароти дигарро ба танзим медарорад, дар бар намегирад;

- суд, судя ба хулоса ояд, ки меъёрҳои санади қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ ба муқаррароти дахлдори Конститутсия мухолифат менамоянд.

Дар ҳолати ҳаволакунанда будани меъёри Конститутсия, суд, судяҳо ҳангоми баррасии парвандаҳо бояд қонунеро, ки муносибатҳои ҳуқуқиро ба танзим медарорад, татбиқ намоянд. Мавҷуд будани қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба номувофиқатии меъёрҳои алоҳидаи қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия барои татбиқи қисми боқимондаи он монеа шуда наметавонад.

4. Мувофиқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 ва ғайра дохил мешаванд.

Бо дарназардошти муқаррароти конститутсионии дар боло номбурда суд, судяҳо зимни баррасии парванда ҳуқуқ надоранд меъёри қонуни батанзимдарорандаи муносибатҳои *ҳуқуқии* бавуҷудомадаро татбиқ намоянд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дигар қоидаҳоро нисбат ба қонуни татбиқшаванда муқаррар намуда бошанд. Дар чунин ҳолатҳо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд.

5. Тибқи қисми 4 моддаи 10 Конститутсия қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ба ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, дар нашрияҳои расмӣ интишор карда мешаванд. Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии*ҳуқуқӣ*бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муайян карда шудааст.

Тибқи ин Қонун сарчашмаи расмии интишори санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон,инчунин вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум»мебошанд. Сарчашмаҳои матни расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикргардида инчунин Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

6. Мувофиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 19 Конститутсия ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки Конститутсия ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро афзалиятнок эътироф намуда, онро кафолат додааст.

Мафҳуми ҳимояи ҳуқуқ дарфаъолияти шахсони ваколатдор оид ба татбиқи тарзу тадбирҳое (чораҳое), ки барои барқарорсозии ҳуқуқи вайроншуда, ҷазо додани гунаҳгор ва пешгирии вайронкунии ҳуқуқ равона гардидааст, ифода меёбад.

Ба амал баровардани ҳуқуқи ҳар як шахс оид ба ҳифзи судӣ на танҳо ҳуқуқи бо ариза ба суд муроҷиат кардан, балки аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғараз моҳиятан, дар асоси қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳал намудани парванда, инчунин қабул кардани санади судие, ки дар асоси он ҳуқуқҳои вайронгардидаи шахси барои ҳимоя муроҷиат кардааст барқарор мегарданд, фаҳмида мешавад.

Босалоҳиятии суд дар он ифода меёбад, ки судҳо танҳо дар доираи ваколатҳои худ ҳуқуқи баррасӣ намудани парвандаро доранд. Аз дуруст муайян кардани салоҳияти ин ё он суд, қонунӣ ва асоснок будани санади судии қабулшуда вобастагӣ дорад.

Салоҳияти суди юрисдиксияи умумӣ аз салоҳиятҳои Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ аз рӯи қоидаҳои тобеияти идоравӣ фарқ мекунад. Салоҳияти суди юрисдиксияи умумӣ (Суди Олӣ, Суди ҳарбӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия) оид ба баррасии парвандаҳои мушаххас аз рӯи тобеияти судӣ муайян карда мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки аз як суд ба суди дигар барои баррасӣ супоридани парванда, танҳо бо риояи талаботи Кодекси мурофиавии граждании, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (минбаъд КМГ, КМҶ, КМҲМ) роҳ дода мешавад.

Дар моддаи 87 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст.

Принсипи номбурда судяҳоро уҳдадор менамояд, ки онҳо аз таъсироти беруна озод бошанд ва ҳама гуна кӯшиши дахолат намуданро ба ҳалли парвандаи мушаххас пешгирӣ намоянд.

Беғаразии судяяке аз кафолатҳои асосии одилона баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ мебошад. Ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои касбии худ судя бояд аз ҳама гуна бартариятдиҳӣ, ақидаи бармаҳал ё муносибати хотирбинона канораҷӯӣ намояд ва барои истисноӣ беғаразиаш кӯшиш ба харҷ диҳад. Агар асосҳои бо қонунгузории мурофиавӣ пешбинишуда барои рад кардани судя мавҷуд бошанд, ки беғаразӣ ва холисиашро зери шубҳа гузоранд, ӯ бояд аз баррасии парванда даст кашад (моддаи 18 КМГ, 61 КМҶ, 38 КМҲМ).

7. Мутобиқи қисми 2 моддаи 19 Конститутсия ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад.

Ин муқаррарот мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳоро уҳдадор месозад, кипринсипи дахлнопазирии шахсиятроқатъиян риоя намуда, ба ғайриқонунӣ дастгир ва ҳабс кардани шахс роҳ надиҳанд. Ба ҳабс гирифтан, маҷбурӣ дар муассисаҳои тиббӣ ё тарбиявӣ нигоҳ доштани шахс танҳо бо қарори суд, судя иҷозат дода мешавад.

Гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда метавонанд аз ҳуқуқҳои бо қонун пешбинишуда барои ҳимоя аз айбдорӣ тавассути иштироки ҳимоятгар ё намояндаи қонунии худ истифода баранд.

Мувофиқи талаботи моддаи 49 КМҶ ҳимоятгар аз вақти дар ҳаққи шахс баровардани қарори оғози парвандаи ҷиноятӣ, инчунин аз лаҳзаи воқеан дастгир шудани гумонбаршуда барои

иштирок дар парванда роҳ дода мешавад. Асосҳои иштироки ҳатмии ҳимоятгар ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар моддаи 51 КМҶ пешбинӣ шудааст.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ҳуқуқ доранд иштироки ҳимоятгарро оид ба дигар парвандаҳо низ зарур шуморанд, агар чунин ҳисобанд, ки мураккабии парванда ва дигар ҳолатҳо метавонанд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда амалӣ гардонидани ҳуқуқашонро барои ҳимоя мушкил менамоянд.

Даст кашидан аз ҳимоятгар бинобар надоштани маблағ барои пардохти музди ёрии ҳуқуқӣ ё дигар ҳолатҳое, ки аз маҷбуран даст кашидан аз ҳимоятгар шаҳодат медиҳанд, иҷозат дода намешавад.

Агар асосҳои иштирокиҳатмии ҳимоятгар дар парванда мавҷуд бошаду аз ҷониби худи дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё намояндаи қонунии онҳо, инчунин бо ризогии онҳо аз ҷониби дигар шахсон даъват нашуда бошад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя вазифадоранд иштироки ҳимоятгарро дар парванда таъмин намоянд. Дар ин сурат қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё таъиноти суд дар бораи ҷудо кардани ҳимоятгар барои коллегияи касбии адвокатҳо ва адвокатҳои ваколатдор ҳатмӣ мебошад.

Агар оид ба парванда тибқи қонун иштироки ҳимоятгар ҳатмӣ бошаду таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки ӯ сурат гирифта, ё бо тарзи дигар ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда барои доштани ҳимоятгар вайрон карда шуда бошад, ин ҳолат ба таври ҷиддӣ вайрон намудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ эътироф карда мешавад ва дар ҳар ҳолат асос барои бекор кардани санади судӣ мегардад.

8. Мувофиқи қисми 3 моддаи 2 Конститутсия ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода баранд.

Бо дарназардошти меъёри конститутсионии мазкур шахсони иштирокчии парванда, ки забони давлатиро намедонанд, ҳуқуқ доранд бо забони модариашон дар мурофиаи судӣ баёнот ва хулоса диҳанд, баромад ва дархостҳо пешниҳод кунанд, инчунин аз хизмати тарҷумон истифода баранд.

Дараҷаи донистани забони мурофиавӣ ва кифоягии он барои дар мурофиаи судӣ иштирок намудан, бояд бо дарназардошти фикри шахси ба хизмати тарҷумон эҳтиёҷманд муайян карда шавад. Ҳуқуқи истифодаи забони модарӣ ё хизмати тарҷумон ҳангоми омодасозии парвандаи гражданӣ, оилавӣ ба муҳокимаи судӣ пас аз барои иштирок ба парванда ҷалб кардани шахс, ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бошад дар қисми омодасозии маҷлиси судӣ фаҳмонида мешавад.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки вайрон гардидани ҳуқуқҳо дар бобати истифодаи забони модарӣ ё хизмати тарҷумонба таври ҷиддӣ вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳар маврид барои бекор кардани санади судӣ асос мегардад.

9. Мутобиқи қисми 2 моддаи 88 Конститутсия мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад.

Моҳияти ба тарзи мубоҳиса сурат гирифтани мурофиа дар баробарҳуқуқии тарафҳо зимни пешниҳоди далелҳо, иштирок дар ҷараёни таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо, ибрози фикру мулоҳизаҳои онҳо оид ба масъалаҳои мавриди баррасӣ қарордоштаифода мегардад.

Принсипи баробарии тарафҳо дар баробарҳуқуқии онҳо ҳангоми муроҷиат намудан ба суд, имконияти баробар дар ҳимояи мавқеи худ, пешниҳод ва таҳқиқи далелҳо дар маҷлиси суд зоҳир мегардад.

Суд, судяҳоро зарур аст, ки принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳоро риоя ва роҳбарии мурофиаро амалӣ намуда, мустақилият, беғаразӣ, холисии худ ва мувозинати байни тарафҳоро нигоҳ дошта, ба шахсони иштирокчии парванда ҳуқуқу уҳдадориҳояшонро фаҳмонида, дар амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳояшон мусоидат намуда, оид ба оқибатҳои содир кардан ё накардани амалҳои мурофиавӣ огоҳ созанд, барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо, муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ ва истифодаи дурусти қонунҳо ҳангоми ҳалли парвандаҳо шароит фароҳам оваранд.

10. Тибқи қисми 3 моддаи 88 Конститутсия мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ошкоро будани муҳокимаи судӣ, саривақт, холисона огоҳ намудани ҷомеа дар бораи фаъолияти судҳо кафолати муҳокимаи одилонаи судӣ ва яке аз воситаҳои таҳкими боварии ҷомеа нисбат ба суд буда, амалишавии вазифаҳои мурофиаи судиро барои таҳкими адолат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин менамояд.

Таҳти мафҳуми ошкоро будани муҳокимаи судӣ ин имконияти ба толори маҷлиси судӣ ворид шудани шахсоне, ки иштирокчии парванда намебошанд, аз ҷумла намояндагони воситаҳои ахбори омма ва дар маҷлиси ошкорои судӣ ҳузур доштани онҳо, таъмини ҳуқуқи онҳо ҷиҳати дар шакли хаттӣ сабт кардани ҷараёни мурофиаҳои судӣ, инчунин ба навори магнитофон сабт кардани мурофиаи ҷиноятӣ ва истифодаи воситаҳои аудиоӣ дар мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, танҳо бо иҷозати раисикунанда ва розигии тарафҳо истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио, видео, пахши ҷараёни маҷлиси судӣ тариқи радио ва телевизион дар мурофиаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, суратгирӣ ва сабти видео дар мурофиаи ҷиноятӣ фаҳмида мешавад.

Гузаронидани муҳокимаи пӯшидаи суд танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории мурофиавӣ иҷозат дода мешавад.

11. Тибқи талаботи моддаи 16 Конститутсия шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад. Ҳеҷ як шаҳрванди ҷумҳуриро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест. Супурдани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн ҳал мешавад.

Масъалаи мазкур миёни давлатҳо - иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо Конвенсия дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ(Кишинев, 7 октябри соли 2002), байни дигар давлатҳо бошад бо шартномаи тарафайн ба танзим даровarda мешавад.

Тартиби супоридани шахс барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё иҷрои ҳукм тибқи боби 49 КМҶ ҳал карда мешавад.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки шикоят аз амал (беамалӣ) ва қарори шахсони мансабдор дар бораи супоридани шахс ба давлати хориҷӣ барои таъқиби ҷиноят бо тартиби муқаррарнамудаи боби 14 КМҶ баррасӣ мегардад.

12. Мувофиқи моддаи 17 Конститутсия ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Принсипи баробарӣ дар назди қонун ва суд, баробарии ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тамоми субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавиро дар назар дошта, нисбати ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи судӣ паҳн мегардад.

Аз ин лиҳоз, суд, судяҳо ҳангоми баррасии парванда ба шахсони иштирокчии парванда ягон хел бартарият ва афзалият надода, нисбат ба урфу одат ва анъанаҳои миллату халқиятҳо эҳтиром зоҳир намуда, хусусиятҳои хоси фарҳангӣ, этникӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва ғайраро ба инобат гирифта, танҳо бояд дар асоси далелҳои мавҷуда санадҳои судии қонунӣ,асоснок ва одилона қабул намоянд.

13. Тибқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 18 Конститутсия ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад. Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин.

Бояд дар назар дошт, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) ҷазои қатлро ҳамчун чораи истисноӣ танҳо барои ҷиноятҳои одамкушӣ (қисми 2 моддаи104), таҷовуз ба номус (қисми 3 моддаи 138), терроризм (қисми 3 моддаи 179), генотсид (моддаи 398), биотсид (моддаи 399) пешбинӣ намудааст. Кодекси ҷиноятӣ таъини ҳукми қатлро нисбати зан ё шахсе, ки ҷиноятро то синни 18 солагӣ содир намудааст, иҷозат намедиҳад.

Дар баробари ин, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» аз 15 июли соли 2004 татбиқ ва иҷрои ҷазои қатл аз 30 апрели соли 2004 боздошта шудааст.

14. Мувофиқи қисми 3 моддаи 18 Конститутсия дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст.

Меъёри конститутсионӣ дар бораи он ки ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад, бо таҳдиди татбиқи ҷазо барои шиканҷа таъмин гардидааст (моддаи $143^1$КҶ).

Агар шикоят дар бораи татбиқи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дар мурофиаи судӣ пешниҳод гардида бошад, суд, судяҳо вазифадоранд, ки чораҳои бо қонун пешбинишударо барои фавран баррасӣ намудани он андешанд.

Агар барои пурра санҷидани шикоят оид ба татбиқи шиканҷагузаронидани амалҳои ба салоҳияти суд мансубнабуда (гузаронидани таҳқиқ ё тафтиш ва ғайра) зарур бошад, суд, судя таъинот (қарор) қабул намуда, ба зиммаи прокурор барои ба амал баровардани санҷиши дахлдор бо нишон додани муҳлати ба суд пешниҳод кардани маводи санҷишӣ масъулият вогузор мекунад. Маводи санҷиши шикоят ва қарорҳои мурофиавии аз рӯи он қабулшуда дар мурофиаи судӣ эълон ва ба парванда ҳамроҳ карда мешаванд.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки далелҳо бо асосҳои дар моддаи $88^1$ КМҶ дарҷгардида ғайри қобили қабул ҳисобида мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми баррасии дархости тарафҳо дар бораи хориҷ кардани далел аз шумораи далелҳои пешниҳодшуда, бинобар асоси бадастовариион бо роҳи шиканҷа ё дар натиҷаи дигар амалҳои ғайриқонунӣ, вазифаи исботкарданибо роҳи қонунӣ гирифтани далел ба зиммаи айбдоркунандаи давлатӣ (айбдоркунандаи хусусӣ) вогузор карда мешавад.

Меъёри конститутсионӣ оид ба манъ будани озмоиши тиббӣ ва илмӣ нисбати инсон бо пешбинӣ намудани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили шахсият вобаста аз оқибатҳои воқеан ба вуқӯъомада таъмин карда мешавад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гузаронидани озмоиши биологӣ, тиббӣ ва илмӣ нисбати инсон, ки дар ҷараёни низои мусаллаҳона содир шудааст, тибқи банди «а» қисми 2 моддаи 403 ва моддаи 404КҶ ба миён меояд.

15. Қисми 1 моддаи 20 Конститутсия муқаррар намудааст, ки ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

Ин меъёри конститутсионӣ дар моддаи 15 КМҶ ҳамчун принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ инъикос ёфтааст, кимақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд риояи ҳатмии онро таъмин намоянд.

Айбдоршаванда (судшаванда) уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд. Аз тарафи судшаванда эътироф намудани гуноҳи худ, агар он бо маҷмӯи дигар далелҳои аз рӯи парванда ҷамъовардашуда ва дар мурофиаи судӣ таҳқиқгардида тасдиқ нагардида бошад, барои қабул намудани ҳукми айбдоркунанда асос шуда наметавонад.

Суд, судяҳо бояд муқаррароти моддаи 339 КМҶ-ро, ки тибқи он ҳукми айбдоркунанда набояд ба тахминҳо асос ёбад ва танҳо ба шарте бароварда мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳгор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо маҷмӯи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ гардида бошад, қатъиян риоя намоянд.

16. Тибқи қисми 2 моддаи 20 Конститутсия ҳеҷ кас баъди гузаштани муҳлати таъқиби ҷиноятӣ, инчунин барои содир кардани рафторе, ки ҳангоми воқеъ шуданаш ҷиноят ҳисоб намеёфт, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Барои як ҷиноят ҳеҷ кас такроран ҷазо намебинад.

Тартиби озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро моддаи 75 КҶ пешбинӣ намудааст.

Қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро муқаррар менамояд, ҷазоро пурзӯр мекунад ё ба тариқи дигар вазъи шахсеро, ки ҷиноят содир намудааст, бадтар месозад, қувваи бозгашт надорад (қисми 3 моддаи 13 КҶ).

Дар моддаи 8 КҶ принсипи конститутсионии адолат оварда шудааст, ки тибқи он ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мутобиқи моддаи 11[1] КҶ агар меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ духӯра ифода ёфта бошад, ё худ онро ду хел маънидод намоянд, дар ин сурат он ба манфиати айбдоршаванда (судшаванда, маҳкумшуда) тафсир (маънидод) карда мешавад.

17. Мутобиқи қисми 4 моддаи 20 Конститутсия мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда манъ аст.

Бо дарназардошти ин муқаррароти конститутсионӣ мусодираи молу мулк танҳо бо асосҳои дар бандҳои «а»-«г» қисми 1 моддаи 57 КҶ пешбинигардида иҷозат дода мешавад.

Мусодираи молу мулк ин дар асоси ҳукми айбдоркунанда маҷбуран ба таври ройгон гирифтан ва ба моликияти давлат гузаронидани молу мулк мебошад.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мутобиқи қисми 8 моддаи 57 КҶ молу мулке, ки барои маҳкумшуда ё шахсони таҳти сарпарастии ӯ қарордошта зарур аст, мувофиқи рӯйхати дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида мусодира карда намешавад.

18. Мувофиқи муқаррароти моддаи 21 Конститутсия ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад.

Барои таъмини ин кафолати конститутсионӣ суд, судяҳо ҳангоми баровардани санадҳои судӣ бояд масъалаи аз шахси гунаҳгор ситонидани товони зарари молу мулкии ба ҷабрдида расонидашударо баррасӣ ва ҳал намоянд (моддаҳои 335 КМҶ, 141 КМҲМ).

Маҳрум кардан ё маҳдуд сохтани ҳуқуқҳои бо қонун кафолатдодаи ҷабрдида, ки дар моддаҳои 42 КМҶ, 30 КМҲМ пешбинӣ шудаанд, дар сурате ба таври ҷиддӣ вайрон кардани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътироф ва бекоршавии санади судиро ба миён меорад, агар ин ҳолат ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда халал расонида, барои баровардани санади қонунӣ, асоснок ва одилонаи судӣ таъсир расонидаанд ё метавонистанд таъсир расонанд (моддаҳои 375 КМҶ, 172 КМҲМ).

19. Тибқи моддаи 22 Конститутсия манзили шахс дахлнопазир аст.

Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

Зери мафҳуми манзил, хонаи истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъин гардидааст, фаҳмида мешавад.

Таҳти вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ин ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда ё касеро аз манзилаш маҳрум кардан фаҳмида мешавад, ки барои он дар моддаи 147 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ азназаргузаронӣ ва кофтукови манзили истиқоматӣ, инчунин муоинаи оперативии манзил бар хилофи хоҳиши шахсони дар он истиқоматкунанда танҳо бо иҷозати суд (судя) сурат мегирад.

20. Мувофиқи муқаррароти моддаи 23 Конститутсия маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст.

Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигари тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқолшаванда, инчунин ҳуқуқи дахлнопазирии манзилромаҳдуд мекунад тибқи қарори асосноки мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дархости прокурори ваколатдор ва иҷозати судя роҳ дода мешавад (ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун).

Гузаронидани кофтуков, ёфта гирифтан, ҳабси муросилоти почтаю телеграф, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯи телефонӣ тибқи муқаррароти боби 22 КМҶ амалӣ карда мешавад.

Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки тавассути маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар, инчунин дахлнопазирии манзил ба даст оварда шудаанд, ҳамчун далел аз рӯи парвандаҳо дар сурате истифода бурда мешаванд, агар онҳо аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ ва суд тибқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда бошанд.

Вайрон кардани маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобирот боиси бо моддаи 146 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мегардад.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 23 Конститутсия дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст.

Барои ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ дар моддаи 144 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

21. Мутобиқи моддаи 28 Конститутсия шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқи касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд.

Дар баробари ин қонунгузор дар ҳолатҳои муқарраршуда баъзе маҳдудиятҳоро низ пешбинӣ кардааст. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» дар мақомоти амнияти миллӣ, корҳои дохилӣ, прокуратура, гумрук ва мақомоти андоз, адлия, судҳо ва Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қушунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ, инчунин дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ таъсис додан ва фаъолият кардани ташкилоти ҳизбҳои сиёсӣ манъ карда шудааст.

Дар сурати аз тарафи ҳизби сиёсӣ вайрон намудани меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин гирифтани кумаки иқтисодию сиёсӣ аз кишварҳои хориҷӣ, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳинома ва ё Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қатъ намудани фаъолияти ғайриқонунӣ амрномаи хаттӣ мебарорад. Агар ҳизб дар мӯҳлати даҳ рӯз талабҳоро дар бораи қатъ намудани фаъолияти ғайриқонунӣ иҷро накунад, фаъолияти вай мумкин аст бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати то шаш моҳ боздошта шавад.

Фаъолияти ҳизби сиёсӣ мумкин аст бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи асосҳои пешбининамудаи қонун манъ карда шавад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» дар сурати аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ риоя накардани муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содир намудани амалҳои мухолифи мақсадҳои оинномавӣ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи он ба мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи мазкур дар бораи бетаъхир бартараф намудани қонуншиканӣ амри хаттӣ ва ба мақомоти бақайдгиранда огоҳиномаи хаттӣ фиристода, мӯҳлати бартараф намудани онҳоро муқаррар менамояд.

Агар дар мӯҳлати муайяншуда қонуншиканиҳое, ки асоси баровардани амри хаттӣ ё огоҳиномаи хаттӣ гаштаанд, бартараф карда нашаванд, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи он ё мақомоти бақайдгиранда ҳуқуқ доранд ба суд бо аризаи даъвогӣ дар хусуси боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ муроҷиат намояд. Дар ин маврид суд метавонад фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятиро ба мӯҳлати то се моҳ боздорад.

Бо асосҳои пешбининамудаи моддаи 37 Қонуни мазкур мумкин аст фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ барҳам дода ё манъ карда шавад.

Ариза дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ аз тарафи мақомоти бақайдгиранда ё Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи он ба суд пешниҳод карда мешавад. Барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо ҳалномаи суд маънои онро дорад, ки

фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ, сарфи назар аз мавҷудияти бақайдгирии давлатии он, манъ карда мешавад, инчунин асос барои барҳамдиҳии ҳамаи шахсони ҳуқуқии таъсисдодаи он, баромадан аз ҷамъияту ширкатҳои хоҷагидор ё қатъ гардидани иштироки он дар фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ мегардад.

22. Аз муқаррароти қисми 5 моддаи 8 Конститутсия бармеояд, ки таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯри сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Ба суд, судяҳо ҳангоми баррасии парвандаҳо зарур аст, тамоми далелҳои пешниҳодшударо, ки шаҳодати мақсаду ҳадаф, фаъолияти аслии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд, дақиқ мавриди санҷиш қарор дода, ба ҷоизӣ, эҳтимолият, саҳеҳ будани ҳар як далел дар алоҳидагӣ, инчунин кифоя будан ва алоқамандии далелро дар маҷмӯъ баҳо диҳанд.

23. Мутобиқи моддаи 29 Конститутсия шаҳрванд ҳуқуқ дорад, дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, раҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ширкат варзад. Ҳеҷ касро ба ин тадбирҳо маҷбуран ҷалб кардан мумкин нест.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳо» давлат ҳуқуқи шаҳрвандонро барои ташкил кардан ва гузаронидани чорабиниҳо ва дар онҳо иштирок карданро бо роҳҳои зерин кафолат медиҳад:

- ба ихтиёри шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо беподош гузоштани хиёбонҳо, майдонҳо, боғҳо, гулгаштҳо ва дигар ҷойҳои кушод;
- интишори маълумот ба воситаи мақомоти давлатии матбуот, телевизион, радио ва дигар воситаҳои аудиовизуалӣ;
- мусоидат аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар кори гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки қарор дар бораи гузаронидан ва манъ кардани гузаронидани чорабиниҳо мутаносибан аз тарафи Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳр, ноҳия дар муддати 3 рӯз бо асосҳои дар қонун пешбинигардида қабул карда мешавад. Аз болои қарор дар бораи манъ кардани гузаронидани чорабиниҳо аз ҷониби ташкилкунандагон мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст ба суд шикоят намоянд. Шикоят аз тарафи судя бояд дар муҳлати се рӯз баррасӣ гардад.

Барои вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоиҳо, намоиш, роҳпаймоиҳо ва пикетгузорӣ дар моддаи 160 КҶ ва барои ғайриқонунӣ монеъ шудан ба гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ, пикетгузорӣ ё иштирок дар онҳо бошад дар моддаи 161 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Моддаи 106 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҲМ) барои риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта ҷавобгарии маъмуриро пешбинӣ намудааст.

24. Мувофиқи моддаи 30 Конститутсия ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.

Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст.

Номгӯи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад.

Асоси фаъолияти ташкилию ҳуқуқии матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма, муносибатҳое, ки бинобар мансуб будани ин ё он маълумот ба сирри давлатӣ, инчунин асосҳои сиёсати давлат дар соҳаи махфияти маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ мебошад бо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи табъу нашр», «Дар бораи сирри давлатӣ» ва ғайра ба танзим даровар да шудаанд.

Барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналистон бо моддаи 162 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ, барои монеъ шудан ба иҷрои вазифаҳои хизматии шахсони салоҳиятдори мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи алоқа ва иттилоот дар моддаи 368 КҲМ ва риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи воситаҳои ахбори омма дар моддаи 373 КҲМ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст.

25. Мувофиқи моддаи 32 Конститутсия ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳуқуқ ба моликият аз ҳуқуқҳо оид ба бадастовардан, истифодабурдан ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк аз ҷониби соҳиби он иборат мебошад.

Ҳуқуқ ба моликият эътироф ва бо қонун ҳифз карда мешавад. Соҳибмулк ҳуқуқ дорад моликияташро бо роҳи ҳуқуқӣ, ки қонунгузории ҷумҳурӣ пешбинӣ намудааст, ҳифз намояд.

Тартиби ҳифзи ҳуқуқи моликият дар боби 19 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КГ) муайян шуда, барои ҷиноятҳо ба муқобили моликият бошад дар боби 26 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Мерос ин гузаштани моликияти шаҳрванди фавтида ба дигар шахсон мебошад, бинобар ин ҳуқуқ ба мерос меъёри қатъӣ (мутлақо) мебошад. Ба шаҳрвандон ягон гуна аҳдҳо, ки ба бегонакунии молу мулки онҳо равона шудааст, дар сурати фавтиданашон иҷозат дода намешавад.

26. Мувофиқи моддаи 33 Конститутсия давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳӣ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.

Бисёрникоҳӣ манъ аст.

Ин муносибатҳои ҳуқуқиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оила, ки бо зарурати мустаҳкамии оила, бунёди муносибатҳои оилавӣ дар заминаи меҳру муҳаббат ва эҳтироми якдигар, ёрии ҳамдигарӣ ва масъулиятшиносӣ дар назди оила, тамоми аъзоёни он, нораво будани дахолати дигар шахс ба корҳои оила, таъмини бемамонияти ба амалбарории ҳуқуқи ҳар як аъзои оила ва иҷрои уҳдадориҳо, имконияти ҳифзи судии онҳо асос меёбад, ба танзим даровардааст.

Тибқи талаботи моддаи 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КО) танҳо он ақди никоҳе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст. Ақди никоҳе, ки бо расму оини динӣ сурат гирифтааст, эътибори қонунӣ надорад. Танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан, баробарии ҳуқуқи зану шавҳар дар оила, ҳалли масъалаҳои дохилиоилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ нисбати некӯаҳволӣ ва рушди камоли онҳо, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғ ва ғайриқобили меҳнати оила сурат мегирад.

Ҳуқуқи шаҳрвандон дар оила дар асоси қонунгузорӣ дар бораи оила ва дар ҳадде, ки бо мақсади муҳофизати ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ, ахлоқ, саломатии дигар аъзои оила ва шаҳрвандон зарур мебошад, маҳдуд карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки барои ба шавҳар додан ва бастани ақди никоҳ дар ҳаққи шахси ба синни никоҳӣ нарасидаастҷавобгарии ҷиноятӣ мутаносибан бо моддаҳои 168 ва 169 КҶ пешбинӣ шудааст.

Меъёри конститутсионӣ, ки бисёрникоҳиро манъ кардааст бо ҷавобгарии пешбининамудаи Кодекси ҷиноятӣ барои дузанагӣ ё серзанагӣ таъмин мегардад (моддаи 170 КҶ).

27. Мутобиқи моддаи 34 Конститутсия модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

Принсипи конститутсионӣ оид ба ҳифзи модар ва кӯдак натанҳо бо қонунгузории оилавии ҷумҳурӣ, балки бо дигар соҳаҳои қонунгузорӣ (гражданӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат, манзил, ҷиноятӣ. ҳифзи саломатӣ ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ) низ таъмин мегардад.

Тибқи талаботи моддаи 8 КО ҳифзи хуқуқҳои оилавӣ аз тарафи суд, мақомоти васояту парасторӣ, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва мақомоти дигари давлатӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои дахлдори КО сурат мегирад.

Таваҷҷуҳи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки баҳри ҳимояи хуқуқҳои оилавӣ дар моддаҳои 174-178 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои иҷро накардани ухдадорӣ оид ба тарбияи ноболиғ, иҷрои номатлуби ухдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдакон, сӯиистифода аз ҳуқуқи васӣ ё парастор, бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон ва бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад.

Кафолати конститутсионӣ барои ҳифзи кӯдакони ятим ва маъюб, таълиму тарбияи онҳоаз ҷониби давлат дар қисми 3 моддаи 5 ин Қонун низ инъикос ёфтааст, ки тибқи, он давлат барои таълиму тарбия ва ҳифзи кӯдакони ятим ва маъюб ғамхорӣ намуда, ба онҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҳар як кӯдак ба қадри имкон ҳуқуқи дар оила зистан ва тарбия ёфтанро дорад. Бинобар ин Кодекси оила афзалияти шакли тарбияи оилавии кӯдаконеро, ки бе парастории падару модар мондаанд, муқаррар намудааст (моддаи 124 КО).

Ҳуқуқи кӯдак оид ба тарбияи оилавӣ дар сурати бе парастории падару модар мондан аз тарафи мақомоти васояту парасторӣ таъмин мегардад, ки ҳангоми интихоби шакли ҷобаҷокунии чунин кӯдак афзалиятро пеш аз ҳама ба интихоби шакли тарбияи оилавӣ медиҳад: ба фарзандхондӣ, парасторӣ супурдани кӯдак. Танҳо ҳангоми вуҷуд надоштани имконияти супурдани кӯдак ба оила қонун иҷозат медиҳад, ки ӯ ба тамоми намудҳои муассисаҳои барои кӯдакони ятим ё кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд (муассисаҳои тарбиявӣ, табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар, айнан ба амсоли ҳамин муасисаҳо), ҷойгир карда шавад.

Ҳангоми ҷобаҷокунии кӯдак бояд баромади этникии кӯдак, мансубияти динӣ ва фарҳангӣ, забони модарӣ, имконияти таъмини идомати тарбия ва таълим ба назар гирифта шавад.

Комиссияҳои оид ба ҳуқуқи кӯдак, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти васояту парасторӣ бояд назорати минбаъдаро аз болои шароити таъминот, таълиму тарбияи онҳо ба амал баророанд.

Фаъолияти дигарон ба ғайр аз мақомоти васояту парасторӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва инфиродӣ оид ба муайян кардану ҷобаҷокунии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, манъ аст (моддаи 122 КО).

28. Тибқи моддаи 35 Конститутсия ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақалли музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Дар корҳои вазнин, теризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст.

Ин кафолатҳои конститутсионӣ бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ) ба танзим дароварда мешавад, ки кафолати ҳуқуқи меҳнатии шаҳрвандонро муқаррар намуда, барои таъмин кардани манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат равона шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» муайян намудааст, ки шаҳрвандон ҳуқуқи истисноии ихтиёрдорӣ намудани қобилияти худро ба меҳнати истеҳсолӣ ва эҷодӣ дошта метавонанд, ҳар гуна фаъолияти аз ҷониби қонунгузорӣ манънашударо иҷро намоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати меҳнат» кафолати ҳуқуқҳои кормандонро оид ба муҳофизати меҳнат муқаррар намудааст, инчунин бо кодексҳои меҳнат (боби 12 КМ), гражданӣ (моддаҳои 1083-1084, 1102 ва 1115 КГ), ҷиноятӣ (моддаҳои 153-155 КҶ), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 94-105 КҲМ) ва дигар санадҳои меёъри ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои корманд ҳифз мегардад.

29. Моддаи 36 Конститутсия муқаррар кардааст, ки ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд тибқи тартиби муқарраргардида дар биноҳои фонди манзили давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва ё дар кооперативҳои манзилию сохтмонӣ хона гиранд, биноҳои истиқоматии шахсӣ, қисми хона ё квартираҳоро дар биноҳои фонди давлатӣ ва ҷамъиятӣ дошта бошанд.

Ҳеҷ касро бидуни асос ва хилофи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳо аз хонаи ишғолнамудааш берун кардан ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқи истифодаи манзил аз ҷониби онҳо мумкин нест. Татбиқи ҳуқуқи манзил хилофи таъиноти он ё бо вайрон намудани ҳуқуқи дигар шаҳрвандон, инчунин ҳуқуқҳои ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ манъ аст.

Шахсоне, ки барои риоя накардани тартиби ба навбат гирифтани шаҳрвандоне, ки барои манзили истиқоматӣ ва беҳтар кардани шароити зисти худ эҳтиёҷ доранд, аз қайд баровардан, риоя накардани муҳлати маскун кардани шаҳрвандон дар бино ва манзилҳои истиқоматӣ гунаҳгор мебошанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд (моддаи 448 КҲМ).

30. Мутобиқи моддаи 37 Конститутсия шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст.

Таваҷҷуҳи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки тибқи қонунгузории меҳнат вақти дамгирӣ вақте мебошад, ки корманд дар давоми он аз иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ озод буда, онро мувофиқи хоҳишаш барои қонеъ намудани манфиатҳои худ ва барқарор сохтани қобилияти меҳнатиаш истифода мебарад. Кормандон ба рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва рухсатиҳои иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд. Иваз кардани рухсатӣ ба ҷуброни пулӣ мумкин нест, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки корманди аз кор озодшуда рухсатиашро истифода набурда бошад. Аз рухсатӣ бозхондан танҳо бо розигии корманд мумкин аст. Аз рухсатӣ бозхондани кормандони аз ҳаждаҳсола хурд ва кормандоне, ки дар шароити барои саломатӣ зараровар ё хавфнок ва вазнини меҳнат кор мекунанд ё корашон хусусияти махсус дорад, ҳамчунин дигар шахсон дар ҳолатҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда мумкин нест (боби 7 КМ).

Барои беасос надодани рухсатии меҳнатӣ ба кормандон, инчунин таъмин накардани дигар кафолатҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат муқарраргардида, дар моддаи 94 КҲМ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

31. Мутобиқи моддаи 39 Конститутсия ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии танзими давлатии суғуртаи нафақавии ҳатмии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқӣ, тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ, сарчашмаҳои маблағгузории онҳо, инчунин асосҳои таъмини ҳифзи иҷтимоии маъюбон, ба онҳофароҳам овардани имконияти баробари зиндагӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаро Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи

шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра муайян ва ба танзим даровардаанд.

Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки барои вайрон кардани қонунҳои меҳнат, напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳо, вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати меҳнат ҷавобгарии ҷиноятӣ (моддаҳои 153-154 КҶ), барои саривақт напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, кӯмакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ ва дидаю дониста додани маълумоти бардурӯғ ҳангоми таъин намудани кӯмакпулии иҷтимоии давлатӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст (моддаҳои 134 ва 140 КҲМ).

32. Мутобиқи моддаи 41 Конститутсия ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.

Сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва илм яке аз афзалияттарин самтҳои сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуда, барои ба амалбарории он давлат сохтори маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис додааст, ки ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таҳсил таъмин месозад.

Бояд дар назар дошт, ки дар муассисаҳои таҳсилӣ ташвиқу тарғибот, таъсис ва фаъолияти сохторҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва динӣ манъ карда шудааст.

Ҳуқуқ ба таҳсил бо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва дигар қонунҳо ба танзим дароварда шудааст.

Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» масъулияти падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи кӯдакон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиати кӯдакон пурзӯр карда шудааст.

Барои аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон иҷро накардани ухдадориҳои парасторӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон, сӯиистифода аз ҳуқуқи васӣ ё парастор, риоя накардани тартиб ё мӯҳлати пешниҳоди маълумот дар бораи ноболиғоне, ки барои фаро гирифтан ба тарбияи оила, таҳти васоят ё ба муассисаи кӯдакони ятим ё бепарастор эҳтиёҷ доранд, кирдорҳои ғайриқонунии фарзандхондӣ, таҳти васоят ё ба оилаи қабулкунанда додани кӯдак,ба роҳ мондани фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, ҷавобгарии маъмурӣ (моддаи 90-93, $474^3$ КҲМ), барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нуҳсола) бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ (моддаи 164 КҶ) пешбинӣ шудааст.

33. Мутобиқи моддаи 43 Конститутсия ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.

Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ухдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» тартиби хизмати ҳарбиро муайян кардааст.

Дар боби 33 КҶ барои ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

34. Моддаи 44 Конститутсия муқаррар намудааст, ки ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст.

Ба ҳифзи табиат аҳамияти махсус дода, қонунгузор барои вайрон кардани он ҷавобгарии маъмурӣ (боби 9-15 КҲМ) ва ҷиноятӣ (боби 24 КҶ) пешбинӣ намудааст.

35. Мақомоти таъқиби ҷиноятиро, ки тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ба зиммаи онҳост ва кормандони мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро зарур аст, ки баҳри таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, эҳтироми шаъну шарафи шахс, риояи дахлнопазирии шахсият ва манзил тамоми чораҳои пешбининамудаи

қонунро андешанд, ҳангоми пешбурди таҳқиқу тафтиши пешакӣҳолатҳои корро ҳамаҷониба, пурра ва холисона муайян намоянд.

36. Ҳангоми баррасии парвандаҳои граждании, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, диққати суд, судяҳо ба зарурияти қатъиян риоя намудани меъёрҳои Конститутсия, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст, ҷалб карда шавад. Агар ҳангоми баррасии парванда вайронкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун ошкор гардад, суд, судя метавонад нисбати шахсе, ки ба ин қонунвайронкуниҳо роҳ додааст, таъиноти (қарори) хусусӣ барорад.

37. Ба Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад, ки ба барномаҳои таълимии такмили ихтисоси судяҳо машғулиятҳои махсус, ки ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ бахшида шудаанд, ворид карда шаванд.

38. Бинобар қабули Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2003 №15 «Дар бораи минбаъд ташаккул додани фаъолияти судӣ дар партави тағйиротҳо, иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллозода**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.А. Ҳакимова**